**Тақризи роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳабибулло ба диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиётии Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) пешниҳод шудааст.**

Рисолаи номзадии Ёрова Сабоҳат Нуровна аслан ба ҳунари образофарии яке аз намоёнтарин чеҳраҳои адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд бахшида шудааст. Дар ҳамин замина образи зан дар ду романи адиб, аз ҷумла романҳои “Нирмала” (“Nirmala”) ва “Камомад” (“Gaban”), ки аз ҷумлаи беҳтарин романҳои нимаи аввали асри XX дар адабиёти ҳиндӣ мебошанд, дар рисола таҳлили худро ёфтаанд. Мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)” дар он аст, ки аввало ин мавзуъ дар ҳиндшиносии хориҷӣ, аз ҷумла ҳиндшиносии тоҷик то имрӯз мавриди тадқиқот қарор нагирифтааст ва дуюм бо ин васила то андозае ба чанд паҳлуи ҳунари образофарии яке аз машҳуртарин романнависи асри XX дар адабиёти ҳиндӣ Премчанд гузаронидани чунин тадқиқот дар тақвияти муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон ҳиссагузор аст. Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба масъалаи осори Премчанд ва осори ӯ ҳанӯз ҳам пажӯҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти нависандаро бо таҳқиқи фарогиру амиқи монографӣ

ҳадафи асосии таҳқиқ қарор дода, ҷойгоҳи Премчандро дар адабиёти муосири ҳиндӣ муайян менамояд ва ҳамзамон хусусиятҳои асосии осори ӯро ба қадри зарурӣ муайян месозад.

Унвонҷӯй Ёрова С. Н. дар раванди тадқиқоти худ навгониҳои мушаххасро пайгирӣ намуда, бори аввал сабабҳои зарурати дар мавзуи зан асарофарии адибони Ҳинд ва дигар шудани фаъолияти занҳоро дар оила ва ҷамъият нишон додааст. Инчунин таъкид шудааст, ки дар таърихи адабиёти навини ҳиндӣ жанрҳои ҳикоя ва роман дорои мавқеи хос мебошанд. Маъруфтарин адибони Ҳиндустон дар асри XX маҳз бо эҷоди ҳикояву роман дар Ҳиндустон ва берун аз он шуҳрат ёфтаанд. Муайян карда шудааст, ки Премчанд (1880-1936) ҳамчун асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ аз ҷумлаи он адибоне мебошад, ки дар давраи мустамликаи Британияи Кабир будани Ҳиндустон ҷуръат намуда ба масъалаи тақдири талхи занҳои Ҳинд дахолат кардааст. Солҳои зистани Премчанд солҳои муборизаи озодихоҳонаи мардуми Ҳиндустон буд ва ин ҳаракатҳо дар осори адиб ба таври равшан назаррас мебошанд. Замони адиб илова ба дарҷи масъалаҳои миллӣ - озодихоҳӣ боз дарҷи даҳҳо масоили ҷомеаи ҳиндустониро тақозо мекард ва Премчанд огоҳона ва боҷуръат ба онҳо рӯ овардааст. Яке аз чунин масъалаҳо тасвири тақдири занҳои бадбахти Ҳиндустони мустамликавӣ буд. Маҳз ҳамин масъала диққати Ёрова Сабоҳатро ба худ ҷалб кардааст ва имрӯз унвонҷӯй онро дар шакли диссертатсия пешниҳод намудааст.

Премчанд дар нимаи аввали асри XX як силсила романҳо навишта, бо ин васила мактаби хоси асарофарии худро ташкил

додааст, ки садҳо пайравони худро дорад. Ин адибон анъанаҳои демократии Премчандро то имрӯз идома дода истодаанд.

Аҳамият ва арзиши илмиву назарии таҳқиқоти Ёрова С.Н., дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиётии Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)” қабл аз ҳама дар он аст, ки натиҷаҳои ба даст овардаи он барои таҳқиқи дигар масъалаҳои мубрами адабиёти муосири ҳиндӣ барои муҳаққиқони дигар хеле муфид аст.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии ин таҳқиқ, ки натиҷаҳои он дар асоси маводҳои аслан ҳиндӣ ба даст омадаанд, барои пурратар шинос шудан ба усули асарофарӣ ва образофарии Премчанд барин нобиғаи адаби Ҳинд хеле муфид аст. Натиҷаҳои ҳосилшуда аҳаммияти фарҳангӣ дошта, метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва навиштани дигар рисолаҳои бахшида ба адабиёти ҳиндӣ истифода шавад.

Мавзуе, ки Ёрова Сабоҳат ҳамчун мавзуи диссертатсия мавриди таҳқиқот интихоб намудааст, то имрӯз дар Ҳиндустон ва берун аз он ба таври назаррас омӯхта нашудааст. Муҳаққиқ ба ин масъала низ диққат додааст, ки Премчанд дар таърихи адабиёти навини ҳиндӣ чи гуна адиб аст, ки то имрӯз садҳо пайравони худро дорад. Натиҷаи тадқиқот инчунин нишон медиҳад, ки дар инкишофи санъати образофарии Премчанд таҳавуллот маҳз дар ҳамин романҳои “Нирмала” ва “Камомад” бештар равшан мегардад. Дигар нуқтаи муҳим дар рисолаи мазкур дар он дида мешавад, ки унвонҷӯй қаробати адабиёти ҳиндӣ ва тоҷикиро эҳсос намуда, онро бо тарҷумаҳои тоҷикии асарҳои Премчанд, аз ҷумла романи “Нирмала” асоснок мекунад.

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар асоси маводҳои дақиқи аслан ба забони ҳиндӣ дастрасшуда, ки муаллиф ба дараҷаи кофӣ онҳоро омӯхта, ба таври назариявӣ аз худ кардааст, навишта шудааст. Натиҷаҳои ҳосилшударо бо қаноатмандӣ пазируфтан мумкин аст. Премчанд муаллифи 14 роман мебошад. Аз ин шумора муаллифи диссертатсия 2 романи бештар машҳуршудаи нависандаро интихоб намуда, мавриди таҳқиқот қарор додааст. Дар мисоли ҳамин романҳо инъикоси образи зани ҳинду дар асарҳои бадеии адабиёти ҳиндӣ баррасӣ шудааст. Дар диссертатсия ҳангоми таҳлили образи зан ба масъалаҳои иҷтимоӣ махсус диққати хос дода шудааст ва бо ин васила ба дараҷаи кофӣ ҳунари образофарии нависанда акси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Ёрова С., як бахши корҳои тадқиқотии адабиёти навини Шарқи хориҷӣ мебошад, ки дар марказҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, ки ба фаслҳо тақсим шудаанд ва хулосаву рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи илмии диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровнаро дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд” (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои

илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Раҷабов Ҳабибулло**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Лоиқ Шералӣ, 83.
Телефон: (+992) 907-96-30-00.
E-mail: rajabov_h@yahoo.com
«_04__» январи соли 2024

**Имзои Раҷабов Ҳабибуллоро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э. Ш.**
«_10_» январи соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.